# ТАҚРИЗ

ба кори илмӣ-таҳқиқотии Абдулов Ҷамолиддин Муҳрудинович дар мавзуи “Ташаккули мавқеи шаҳрвандӣ дар тарбияи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод гардидааст.

Дар замони кунунӣ, ки илму техника ва технология бо суръати баланд пеш рафта истодааст, арзёбӣ намудани кулли самтҳои афзалиятноки таҳқиқот, аз ҷумла, педагогикаи иҷтимоӣ яке аз масъалаҳои муҳим ва доманадор дар рушди бахшҳои воқеии иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа маҳсуб мешавад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Абдулов Ҷамолиддин Муҳрудинович яке аз масъалаҳои муҳим ва то ҳол омӯхтанашуда маҳсуб ёфта, муаллифи он тавонистааст, ки як мавзуи навро дар самти педагогикаи миллӣ таҳқиқ ва корбаст намояд.

Дар замони муосир мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор додани самтҳои нав ва афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ дар низоми илми ватанӣ яке аз масоили саривақтист, ки дар ин замина Абдулов Ҷамолиддин Муҳрудинович бо баррасии «Ташаккули мавқеи шаҳрвандӣ дар тарбияи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ» тавонистааст, ки дар ин самт саҳми назарраси хешро гузорад.

Муҳиммияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба он равона шудааст, ки ба даст омадани соҳибистиқлолии Тоҷикистон, рушди ҷомеа, таъмини амнияти ҷамъият ва давлат, баланд гардидани сифати зиндагии мардум, расидан ба сатҳи ҷаҳонии иқтисодиёт, азхудкунии имкониятҳои нави технологӣ заминаҳои навро барои рушди соҳаҳои ҳаёти ҷомеа рӯи кор овард ва табиист, ки илмҳои педагогӣ низ аз ин истисно набуданд. Аҳаммияти иҷтимоии илмҳои педагогиро дар даврони мазкур саҳми воқеӣ дар ҳалли масъалаҳои ислоҳоти кулли зинаҳои таҳсилот, таъмини илмӣ-методӣ, баланд бардоштани самаранокии таҳсилот, тарбияи насли наврас, бунёди неруи фикрии ҷомеа, ташаккули муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ва рушди ҳамаҷонибаи кишвар тақвият мебахшад.

Диссертант зимни омӯзиш ва баррасии мавзуъ эътимоднокӣ ва асоснокии нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқотро бо мухолифат надоштани интихоби равишҳои методологӣ, интихоби матни таҳқиқот,

диссертатсияҳо, авторефератҳо ва тақриз ба онҳо, инчунин, гуногунрангӣ ва ба ҳам мувофиқат кардани истифодаи методҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот, аз ҷумла, роҳҳои тақвият бахшидани ташаккули мавқеи шаҳрвандӣ дар тарбияи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ муайян намудааст. Боэътимодии нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, тавассути муқоисаи далелу рӯйдодҳо, машварат ва муҳокимаи ҳамаҷониба бо мутахассисону коршиносони соҳаи таҳқиқ озмуда шудааст.

Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва назариявии таҳқиқот дар он зоҳир гардидааст, ки мавқеи муаллифи таҳқиқот дар қаринаи ҷустуҷӯ ва ёфтани воситаҳои самараноки ташаккули мавқеи шаҳрвандӣ дар тарбияи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ исбот карда шудааст. Пешниҳод ва тавсияҳои муаллиф дар бораи ташаккули мавқеи шаҳрвандӣ дар тарбияи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ мусоидат хоҳад кард.

Муаллиф дар таҳқиқот бевосита аз сарчашмаҳои зиёди илмӣ, оморӣ ва маводи бойгонӣ истифода бурда, тӯли солҳои зиёд дар раванди арзёбии илмии рисолаҳои ҳимояшаванда оид ба илмҳои педагогӣ ба сифати маърӯзачӣ дар конфронсҳои сатҳи баланди вилоятӣ, ҷумҳуриявиву байналмилалӣ, гузаронидани тренинггҳо, такмили маҳорати касбӣ тавассути курсҳои такмили ихтисос ширкат варзида, тавассути он аз методҳои самарабахши замонавӣ арзёбии сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таври васеъ истифода бурдааст. Дар заминаи омӯзиш муҳаққиқ тавассути таҳияи дастурҳои методӣ, нашри асару мақолаҳои илмӣ бори нахуст афзалияти истифодаи роҳҳои ташаккули мавқеи шаҳрвандӣ дар тарбияи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ собит намудааст.

Дар муқаддима муҳаққиқ доир ба мубрамият, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсад ва вазифаҳо, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқ, навгониҳои илмӣ ва дигар ҷанбаҳое, ки дастгоҳи илмии диссертатсияро мукаммал мегардонанд, асоснок намудааст.

Боби якуми диссертатсия - **«Асосҳои назариявӣ-методологии тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабӣ»** моҳияти таҳқиқоти педагогӣ, методология, методҳои муосир ва масъалаҳои мубрами он, таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳамчун воситаи муҳимми рушди таҳқиқоти бунёдӣ ва амалии педагогӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор ёфтааст. Дар идомаи таҳқиқ муҳаққиқ доир ба

заминаҳои таърихии илми осорхонашиносӣ, ташаккули мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон ҳамчун рукни таркибӣ ва ҷудонашавандаи тарбияи худшиносии миллӣ, тарбияи худогоҳӣ, ваҳдат, ҳувият ва ифтихори миллӣ, принсипҳои ташаккули мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабӣ, вижагиҳои хоси ташаккули мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ маълумоти илмӣ фароҳам овардааст.

Осорхонаҳои мактабӣ пурра мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода шуда, муҳаққиқ назари олимонро вобаста ба мавзуъ моҳирона баррасӣ намудааст.

Боби дуюм - **«Шароитҳои педагогии татбиқи корҳои таълиму тарбиявии осорхонаҳо дар ташаккул додани мавқеи шаҳрвандӣ дар наврасону ҷавонон»** аз се зербоб иборат аст. Масъалаҳои баррасишавандаи боби мазкур коркард ва татбиқи шароитҳои таъминкунандаи самарабахши ташаккули мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ, мазмун, шакл ва мундариҷаи корҳои осорхонаи мактабӣ ва дар ин замина ба роҳ мондани тарбияи босамари мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон, таҳлили натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ-таҳқиқотӣ оид ба рушди мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ ба шумор меравaнд.

Диссертант масъалаҳои болозикрро мавриди омӯзиш қарор дода, қайд менамояд, ки дар ин радиф омӯзиши осори олимони ватанию хориҷӣ накши калон мебозад.

Мақолаҳои нашршудаи диссертант музмуну мундариҷаи таҳқиқоти диссертатсиониро пурра инъикос менамоянд. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дорои арзиши баланди илмӣ буда, фарогири масъалаҳои муҳим дар рушди низоми илми педагогикаи ватанӣ мебошад.

Дар кори таҳқиқотӣ баъзе норасоиҳо мавҷуданд, киислоҳи онҳоро зарур мешуморем:

1. Оид ба аҳамияти амалии мавзуи мазкур андешаҳои муаллиф васеътар баён мешуд, беҳтар мебуд.
2. Дар матни автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ мушоҳида мегардад.

Хулоса, кори илмӣ-тадқиқотии Абдулов Ҷамолиддин Мухрудинович дар мавзуи «Ташаккули мавқеи шаҳрвандӣ дар тарбияи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ» ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли

2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) сазовор аст.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
Мутахасисси ШҲ КИТ
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Қурбонова Р.Т.

16.01.2024

**Нишонӣ:** 734025. ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33.
Тел: 935562626, Email: robiahon@mil.ru

Имзои Р. Қурбоноваро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва коргузории
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Муродова М.